Суратҷаласаи № 3
маҷлиси васеи кафедраи адабиёти муосири тоҷик
аз таърихи 26.10. 2021

**Иштирок доштанд:** мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷик, профессор Замирахон Ӯлмасова, профессорони кафедраи мазкур Мирзоюнус Матлуба, Неъматҷон Файзуллоев, дотсентон Абдуллоҷон Мавлонов, Субҳонҷон Аъзамов, Зеварой Бобоева, Мутрибахон Мавлонова, Садриддин Мирзоев Маликахон Муродова, Баҳром Мирсаидов Умедахон Шарифова ва дигар аъзоёни кафедраи адабиёти муосири тоҷик

**Рӯзномаи маҷлис:**

Муҳокимаи диссертатсия ва автореферати унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷик Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.08-назарияи адабиёт. Матншиносӣ.

Муҳокимаи рисолаи номзадиро мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Замирахон Ӯлмасова ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа ошно кард. Сипас, сухан ба унвонҷӯ Ризобоева Н. М. дода шуд. Рисоланавис муҳимтарин нуктаҳои рисоларо баён намуд.

Бино ба таъкиди Ризобоева Н. дар қаламрави Тоҷикистон истиқлолияти сиёсӣ ва фикрӣ барои ба миён омадани тозатарин тамоюлҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангӣ ва ташаккули тафаккури миллӣ нақши муҳим гузошт. Дар ин миён адабиёти тоҷик низ тамоюлҳои тоза касб намуда, истиқлоли фикрӣ дар қаламрави он нуфуз пайдо кард. Шоирони имрӯз дар канори идомаи муҳимтарин суннатҳои адабиёти гузашта, дар шеъри нав низ таҷрибаҳои ҳунарии худро озмуданд. Ба таъбири дигар, адабиёти миллии тоҷик низ аз арзишҳои истиқлоли фикрӣ бархурдор гардида, аз доманаи маҳдудаҳои фикрии даврони шӯравӣ раҳоӣ пайдо намуд. Тамоюлҳои навгароӣ дар шеъри муосири тоҷик бо ҳар шеваву равиши муайян ҷараён гирифта, дарунмоя, сохтор ва сабки

нигориши шеъри муосир аз ҳар ҷиҳат тағйир пазируфт. Таваҷҷуҳ ба сайри таърихии навгарой дар шеъри муосири тоҷик ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки ибтикороти тозаҷӯйиву тозагӯйӣ ҳанӯз аз солҳои 60-80-уми асри гузашта тавассути корномаҳои адабии суханварони бузурги адабиёти мо, чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон шурӯъ гардида, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон майлони нав касб намуд.

Вуҷуди шоирони мазкур дар баробари пайдоиши мактабу ҷараёнҳои шеърӣ ба таҳаввули маъноиву ҳунарии шеъри муосири тоҷик боис гардид, ки дар баробари идомаи суннатҳои хоси шеъри классикӣ тозагиҳое муайян дар сабки нигориш, таҷассуми арзишҳои ҳунарӣ ва падидаҳои бадеӣ дар шеър вусъат гирифт. Дар натиҷа дар шеъри даврони истиқлол имконоти эҷоди тасвирҳои парадоксӣ муносиб ва доманаи он фарохтар гардид.

Ҳамин тариқ, яке аз вижагиҳои муҳимми ҳунарии шеъри имрӯзи тоҷик корбурди парадокс ва тасвирҳои парадоксӣ дар навъҳои мухталифи шеърӣ ба шумор меравад, ки имрӯз ба яке аз вижагиҳои ҳунарӣ мубаддал гардидааст.

Аз ин рӯ, дар рисола масъалаҳои заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ва нақши онҳо дар таҳаввули маъноиву ҳунарии каломи суханварон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Мо дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодаамон муайян намудем, ки тасвирҳори парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик аз мавқеъ ва мақоми муҳим бархурдоранд. Дар заминаи руҷӯъ ба ашъори шоирони имрӯз муқаррар карда шуд, ки шоирони муосири тоҷик барои дар сатҳи матлуб бардоштани тасвири парадоксӣ ва идомаи суннатҳои хоси шеъри классикии тоҷик дар мисоли ҳамин гуна як рукни ҳунарии шеърӣ нақши муассир гузоштаанд, ки дар миёни номи устодон чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона, Озарахш, Суруш, Гулноз, Адиба, Нуралӣ Нурзод, Баҳроми Раҳматзод, Сурайё ва дигарон назаррас мебошад.

Сарчашмаҳо ва манбаъҳои асосии таҳқиқи рисолаи илмиро маҷмӯаҳои ашъори шоирони пешгоми муосири тоҷик, ки дар даврони мухталифи адабиёти имрӯз ба қалам омадаанд, ҳамчун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва монанди он фаро мегирад.

Ҳарчанд то кунун дар мавриди ҷойгоҳи ин навъи тасвир ва арзиши ҳунарии шеър дар адабиётшиносии тоҷикӣ баъзе таҳқиқоте ба сомон расидаанд, танҳо бахше аз рисолаи Равшани Ҳамроҳ ба ҷойгоҳи ин навъи тасвир (дар мисоли ашъори шоири маъруфи тоҷик Гулназар) бахшида шудааст, вале ба мушоҳида мерасад, ки ин мавзӯъ дар мақоми як мавзӯи

мустақил дар адабиёти муосири тоҷик ҳанӯз ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Бар ин асос, зарурате пеш меояд, ки ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ҳамчун пажӯҳиши мустақил анҷом дода шавад, то ҷойи холие дар адабшиносии муосири тоҷикӣ пур гардад.

Баъди шарҳи муҳтавои рисола бахши муҳокима оғоз гардид.

Дар ин бахш профессори кафедра Файзуллоев Н. роҷеъ ба ко̍рҳои аз ҷониби муҳаққиқ анҷомёфта изҳори назар намуда, ҳамчунин суол намуд, ки фарқияти шеъри сапед ё нимоӣ аз шеърҳои суннатӣ дар чист?

Дар навбати худ муҳаққиқ чунин ҷавоб дод:

"Шеъри нав ё шеъри сапед аввали солҳои ҳафтодуми асри бист ба майдони адабиёти тоҷикӣ роҳи худро ёфт. Биноан, ин навъи шеър аз рукнҳо озод аст ё ба сухани дигар онро шеъри бевазн ва беқофия ҳам гӯянд. Вале шеърҳои суннатӣ, ки бештар дар қолабҳои ғазал, қасида ва дигар анвои адабӣ (жанри лирика) навишта мешаванд, бо махсусиятҳои жанрии худ ҳамчун риояи вазну қофия, радиф, ҳусни матлаъ, мақтаъ ва монанди ин, аз шеъри сапед ё нимоӣ тафовут доранд".

-Савол. Файзуллоев Н.: доир ба тасвири парадоксӣ аз эҷодиёти асосгузори адабиёти классикии тоҷик устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ намуна оред.

-Ҷавоб: зикр кардан бамаврид аст, ки нахустин намунаи таъбир ва ҳам тасвири пародоксӣ дар каломи устод Рӯдакӣ дар таркиби таъбири "ҳаловати захм" ба чашм мерасад:

Ба хокхуфтаи тири ту аз ҳаловати захм,
Забон бароварду захмро даҳон лесад.

Сипас устодони дигар ҳам саволҳои худро ба муҳаққиқ пешниҳод намуданд.

-Савол. Матлубаи Мирзоюнус: ин навъи шеър дар адабиёти муосири тоҷик аз кай оғоз гардид?

-Ҷавоб: Ҷараёни шеъри муосири тоҷикӣ аз "Марши ҳуррият"-и Садриддин Айнӣ оғоз мегардад ва он соли 1918 арзи вуҷуд намуд Ин навъи шеърҳо аз рукнҳо озод буда, аз даруни он шохае аз шохаи дигаре ба номи "шеъри сапед" арзи ҳастӣ намуда, барои худ ҷойгоҳе устувор ёфт.

-Савол. Ӯлмасова З.: Аз кадом усулҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода бурдаед?

-Ҷавоб: Ҳангоми таҳқиқ методи китобхонавӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва усули таҳлилиро истифода бурдаам.

-Савол. Ӯлмасова З.: барои чӣ маҳз ҳамин мавзӯъро интихоб кардаед?

-Ҷавоб: ҳарчанд то кунун дар заминаи ҷойгоҳи ин навъи тасвир ва арзиши ҳунарии шеър дар адабиёти классикии тоҷик пажӯҳишҳое ба сомон расидаанд, вале мулоҳиза мешавад, ки ин мавзӯъ дар мақоми як мавзӯи мустақил дар адабиёти муосири тоҷик ҳанӯз ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

-Савол. Аъзамов С.: Масъалаи шеъри нав ба кадом мақсад мавзӯи баҳси рисола гардид?

-Ҷавоб: мавзӯи куллии рисола тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосир тоҷик (даврони истиқлол) аст ва яке аз ҷараёнҳои шеъри ин давра шеъри нав ба ба шумор меравад, аз ин рӯ, шеъри нав ба яке аз меҳварҳои баҳси илмии рисола кашида шуд. Дар шеъри даврони истиқлол имконоти эҷоди тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри нав бештар ва доманаи он фарохтар шудааст.

-Савол. Аъзамов С.: чаро бонувони суханвар алоҳида фасл шуд?

-Ҷавоб: бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар давраи истиқлоли миллӣ воқеан бонувони суханвари тоҷик дар ташаккули шеъри имрӯз саҳми арзанда гузоштаанд, мо тасмим гирифтаем, ки шеъри бонувони тоҷикро ба таври алоҳида баррасӣ кунем.

-Савол. Аъзамзод С.: бояд шарҳи истилоҳи парадокс дар адабиётшиносии тоҷик низ бошад ва ба назари шумо аз куҷо таваҷҷуҳ ба парадокс дар шеъри мо оғоз шуд?

-Ҷавоб: баррасии ин масъала асосан дар рисола сурат гирифтааст, аз ҷумла, мо аз таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи адабиётшиносон Нуралӣ Нурзод ва Равшани Ҳамроҳ ёдоварӣ кардаем. Бо сабаби он ки мавзӯи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик камтар таҳқиқ шудааст, мо тасмим гирифтаем, ки заминаҳои аслии назарии пажӯҳиши онро дар адабиётшиносии кишварҳои ҳамзабон ва рус мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем. Аз сӯи дигар, баҳсу баррасиҳои дар адабиётшиносии тоҷик то кунун дар ин замина анҷомёфта, сарчашма дар ҳамин таҳқиқот доранд ва бахши дигари онҳо манобеъ аз осори назарии адабиётшиносии классикӣ, аз ҷумла дар осори «ал- Муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ» - и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, «Ғизолон-ул- Ҳинд»-и Озоди Балгиромӣ мегиранд, ки дар рисола ба онҳо ишорат шудааст.

-Савол. Мавлонов А.: парадокс ҳамчун навъи санъати бадеӣ бори аввал дар кадом сарчашма зикр шудааст?

-Ҷавоб: бояд гуфт, ки адабиётшиноси маъруф Шафеии Кадканӣ дар робита ба шеъри Бедил бахше аз тадқиқоти хешро ба таври кӯтоҳ ба тасвирҳои парадоксӣ ихтисос дода, таъкид доштааст, ки ин истилоҳро гӯё худи он кас сохтааст. Аммо мулоҳиза ва мушоҳидаҳои мо нишон додаанд, ки парадокс ҳамчун навъи санъати бадеӣ бори аввал дар асари балоғии "Ғизолон-ул-Ҳинд"-и Озоди Балгиромӣ бо номи вифоқ зикр шудааст.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи рисола оғоз гардид. Рисола аз ҷониби профессорон Неъматҷон Файзуллоев, Замирахон Ӯлмасова ва дотсент Субҳонҷон Аъзамов хонда шуда, ҳар яке фикру андешаҳои хешро дар робита ба диссертатсияи номзадии Ризобоева Н.М. иброз доштанд.

I.Профессор Файзуллоев Н. таъкид намуд, ки рисоларо бо таваҷҷуҳи зиёд хонда ва аҳамияти рисолаи мазкурро дар нуктаҳои зерин мебинад:

1. Бори аввал ба таври алоҳида дар рисола масъалаи тасвирҳои парадоксӣ ҳамчун як рукни муҳими ҳунари шоирӣ дар шеъри муосири тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.
2. Ҷолиб аст, ки муаллифи рисола нахуст баррасии мавзӯъро аз намояндагони адабиёти даврони Шӯравии тоҷик оғоз мекунад ва ба ин восита муқаррар месозад, ки шеъри он даврон низ аз падидаи ҳунари шоирӣ бархурдор будааст.
3. Масъалаи тасвирҳои парадоксӣ ва роҳҳои зуҳури он дар шеъри даврони истиқлоли тоҷик ба таври муфассал баррасӣ шуда, ҳиссомезӣ ва корбурди санъати ташхис ҳамчун як равиши эҷоди тасвирҳои парадоксӣ муносиб таҳқиқ шудааст.

Пешниҳоду эродҳо:

Профессор Файзуллоев Н. зикр кард, ки кор бо услуби хуби илмӣ омода гардида, аз бархе камбудиҳои орӣ нест:

1. Дар боби дувуми рисола дар дохил чаҳор фасл нишон дода шудааст, аммо дар мундариҷа ду фасл омадааст. Ду фасли асосӣ дар мундариҷа афтодааст.
2. Дар саҳифаи 84 байти устод Рӯдакӣ ба шакли ғалат омадааст:

Бихандад Лола бар саҳро,<br>
Ба сони дидаи Лайло...

3. Дар гузоштани баъзе адабиёт камбудиҳо ба назар мерасанд, ки бо феҳристи адабиёт мутобиқат надоранд.
4. Ғалатҳои услубӣ, имлоӣ дида мешаванд, ки дар саҳифаҳои рисола ишорат шудаанд.

5. Дар масъалаи бонувони суханвар бояд таносуби таҳқиқ риоя шавад (ба шеъри Гулрухсор камтар бахшида шудааст, аммо дар бораи Фарзона ва Гулноз бештар аст).

II. Профессор Ӯлмасова З. арзиши диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда, ҳамчунин андешаҳои худро дар мавриди камбудиҳои рисола изҳор дошт:

1. Муқаддимаи рисола аз тарафи унвонҷӯ бознигарӣ гардад.

2. Тасвири парадоксӣ дар кадом шоирони тоҷик бештар ба назар мерасад.

3. Дар феҳристи адабиёти рисола баъзе китобҳое оварда шудаанд, ки ба асли мавзӯъ дахл надоранд. Аз ҷумла, як китоби худи ман, ки ба таҳқиқи наср бахшида шудааст.

4. Феҳристи адабиёти рисола бисёр тулонӣ аст, бояд кам карда шавад.

5. Баъзе аз китобҳои мавриди назар ворид нашуданд, бояд ҳамроҳ карда шаванд.

6. Баъзе ғалатҳо дар ҳошияи рисола нишон дода шудаанд, ки бояд онҳо ислоҳ шаванд.

Хулоса, кор баъд аз бознигарӣ ва ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

III. Номзади илми филологӣ, дотсентон Субҳонҷон Аъзамов зикр намуд, ки диссертатсия бо услуби хуби илмӣ омода гардидааст. Баъзе камбудиҳои ҷузъи низ дар рисола ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. "Тасвирҳои парадоксӣ..." бояд ба "Тасвири парадоксӣ..." табдил дода шавад.

2. Чаро бонувони суханвар алоҳида фасл шуд?

3. Бояд шарҳи истилоҳи парадокс дар адабиётшиносии тоҷик низ бошад ва аз куҷо таваҷҷуҳ ба парадокс дар шеъри мо оғоз шуд?

4. Таҷдиди назар ба нақшаи кори рисола

5. Ба рӯйхати адабиёт ин китоб ворид карда шавад: Аъзамзод С. Адабиёт ва маърифати нақд. (Масъалаҳои шинохти таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи XX), Маҷмӯаи мақолаҳо. Хуҷанд: Анис, 2012. – 200 с.

6. Дар қисмати дараҷаи омӯхташаваии мавзӯъ на ҳама таҳқиқот ворид шудаанд. Аз ҷумла, баъзе таҳқиқот ба наср дахл доранд, вале баъзе таҳқиқоти асосӣ ҷой нагирифтаанд. Чун китоби профессор Матлубаи Мирзоюнус. «Ҳамзоди тӯфон», таҳқиқоти Алиасғари Шеърдӯст, Сурайё Ҳакимова ва дигарон.

7. Ҷусторҳо дар даврони истиқлолият такмил дода шаванд. Хоса ҷусторҳои матбуотӣ.

8. Дар баъзе мавридҳо бояд рисола таҳрири забонӣ карда шавад, ки ин матлабҳо дар мавориди зарурӣ нишон дода шуда, ислоҳ ҳам гардидаанд.

Хулоса, бо назардошти баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба дифоъ пешбарӣ гардад.

Баъди натиҷагирӣ аз қисмати муҳокимаи рисолаи номзадии Ризобоева Н.М. ва бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида, қарори ҷаласа ба тавсиб расид.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ризобоева Н. дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ кории илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, диссертатсия ба зинаи дуюми муҳокима, ҷаласаи Шӯрои Олимони факултет пешниҳод карда шавад.

**Мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор** Ӯлмасова З.Ҳ.
тел: +(992) 92 7714470
почтаи эл: zamira_ulmasova @mail.ru

**Котиби ҷаласа: муаллими кафедраи адабиёти муосири тоҷик** Шукурова З.Т.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел: +(992) 927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru

Имзои Ӯлмасова Замирахон ва Шукурова Зайнурахонро
**"Тасдиқ мекунам"**
сардори РК ва КМ МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.